# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Бо амиқ рафтани шеваҳои таҳқиқи адабиёт ва ба кор гирифтани равишу усулҳои накду баррасии осори бадеии гузаштагон ва омӯзишу пажуҳиши паҳлуҳои ноомӯхтаи ҳунари офаринандагии шоирон зарурати диди тоза ва дақиқ ба мероси онҳо тақозо мешавад. Аз ин манзар осори манзуми Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720), ки дар таърихи адабиёти мо аз ҳар нигоҳ, чӣ таркиби жанрӣ ва чӣ ҳунари баён ё ифодаи матолиби мухайял мутафовит аз осори шоирони дигар мебошад, ба таҳқиқу баррасии амиқу густурдатаре ниёз дорад, зеро ҷилваҳои маъноӣ ва тасвирҳои нозуку камназири шеъри ӯ ба таври лозим баррасӣ нагардидааст.

Дар ҳамин замина, мубрамият ва аҳаммияти рисолаи илмии Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои камомӯхтаи ҳунари шоирии “сару саркардаи арбоби сухан” пардохта, мушаххасан ба баррасӣ ва пажуҳиши оройҳои номаъруф оид мебошад. Аз он ҷой, ки навъи адабии ғазал дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил мавқеи хос дорад худи шоир дар осораш ба он ишорат кардааст:

> Бедил, гуҳари назм касерост, ки имрӯз
> Дар баҳри ғазал завраки андеша давонад,

интихоби ин навъи адабӣ барои таҳқиқи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бар мабнои ғазалиёти шоир тасодуфӣ набуда, мантиқӣ ва илмӣ мебошад ва бар мубрам будани мавзуъ таъкид мегардад.

Муҳтавои диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (банди 7-уми “Соҳаҳои таҳқиқот”), ки омӯзиши адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI–XIX, таҳаввули жанру сабкҳо, равияҳои адабӣ ва таҳлили вижагиҳои осори адибони ин давраро фаро мегирад, **комилан мувофиқат менамояд**.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар баробари пажуҳишҳои дар заминаи бедилшиносӣ таълифшудаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии шоир барои ҳалли масъалаҳои муҳимми сабкӣ, ҳунари шоирии ӯ, ҷойгоҳи санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дорои арзиши илмӣ буда, дар рушди бедилпажуҳии кишвар қадами ҷиддӣ ва устуворе мебошад.

Аз мутолиа ва таҳлилу таҳқиқи анҷомёфта маълум мегардад, ки пажуҳишгарон орояи ҳиссомезиро дар ашъори шоирони бонуфуз ва соҳибсабки гузашта ва имрӯзи адабиёти форсизабон мисли Ҳофизи Шерозӣ, Ваҳшии Бофқӣ, Шӯридаи Шерозӣ, Парвини Эътисомӣ, Маҳдӣ Ахавони Солис, Насруллоҳи Мардонӣ, Қаҳҳори Осӣ, Шафеии Кадканӣ ва дигарон баррасӣ кардаанд. Мақолаҳои алоҳидае ҳам дар мавриди баррасии бевоситаи мавзуи мазкур мисли “Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ” аз ҷониби Шарора Илҳомӣ ва “Мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ” ба қалами Илҳом Ганҷи Каримӣ навишта шуда бошад ҳам, ҳанӯз ҷойи як тақиқоти мукаммалу фарогир ва ҷудогона дар самти пажуҳиши санъатҳои ёдшуда дар адабиётшиносии тоҷик, ба хусус бедилшиносии тоҷик холӣ мебошад. Ба ҳамин далел, таҳқиқоти анҷомдодаи Хуршеди Эҳсон ин холоро пур карда метавонад. Маҳз баррасии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ – ду санъати бадеии нав ба таҳқиқрасида дар низоми балоғии шеъри форсии тоҷикӣ, хоса дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил, нақши сабксозии ин орояҳо, дар назокати хаёли шеъри шоир, дар маъниофарӣ тавассути онҳо ва ниҳоят шинохти истилоҳиву луғавии ин ду дар рисола ҳадаф ва мақсади аслии муаллиф будааст.

Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф кӯшидааст, то масъалаҳои вуҷуди пешинаи ҳиссомезӣ ва мутанокизнамоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ, тафовути мутанокизнамоӣ бо санъати бадеии мутазод, вижагиҳои санъатҳои мутанокизнамоӣ ва ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил ва анвои онҳо ва ҷанбаҳои сабксозии ин ду орояро дар рисола ҳаллу фасл намояд. Ҳамчунин тафовут ва таносуби истеъмоли ин санъатҳо, баррасии ҷанбаҳои истилоҳӣ ва луғавии онҳо аз вазифаҳои дигари муаллиф будааст.

Навгонии мушаххаси диссертатсия дар нахустин пажуҳиши мукаммал ва монографии санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бар мабнои матни ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, ки умдатарин навъи шеърии осори манзуми ӯст, ки анҷом дода шудааст, мебошад.

Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки бори аввал анвову ақсом ва таснифоти мавзуии санъатҳои бадеии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бо фарогирии тамомии ғазалиёти шоир таҳлилу баррасӣ ва ҷойгоҳу мавқеи онҳо дар ташаккули сабки ғазали шоир муайян ва мушаххас карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия ва натиҷаи таҳқиқ дар вусъат ёфтани таҳқиқоти илмӣ дар робита ба мавзуъҳои балоғат ва бадеъ, шинохту омӯзиши падидаҳои мухталифи адабӣ дар осори манзуму мансури адабиёти классикӣ, таҳқиқи вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва баррасии паҳлуҳои дигари осору ашъори намояндаи барҷастаи ин давра Мирзо Абдулқодири Бедил муфид хоҳад буд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии бар мабнои пажуҳиш бадастомадаро метавон зимни омӯзиши назарияи адабиёт, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таҳияи сарчашмаҳои таълимӣ ва навиштани китобҳои таърихи адабиёт, бавижа таърихи адабиёти давраи сабки ҳиндӣ ва осору афкори Мирзо Абдулқодири Бедил истифода кард.

Маводди рисоларо ба таври амалӣ метавон дар таълими фанҳои гуногуни донишгоҳӣ, аз ҷумла, “Таърихи адабиёт”, “Назарияи адабиёт”,

“Муқаддимаи адабиётшиносӣ”, “Нақди адабӣ”, инчунин, курсҳои махсус доир ба сабкшиносӣ, сабкҳо ва даврахои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, назарияи шеър, истилоҳоти адабӣ, мактабу ҷараёнҳои муосири адабиётшиносӣ ба кор бурд.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Хуршед Эҳсон Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои он дар тавсеа ва густариши илми балоғату бадеъ ва корбурду истифодаи орояҳои мавриди таҳқиқ дар шеъри шоирони муосир ва дар шинохту пажуҳиши падидаҳои бадеии гуногун метавонад ба сифати сарчашма барои муҳаққиқон истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ барои китобҳои дарсии бахши суханшиносии муассисаҳои таълимии кишвар метавонад истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар дарки бадеии ғазалиёти шоир тавассути санъатҳои бадеии мавриди истифодаи ӯ, хосса санъатҳое, ки дар ташаккули сабкии шеърӣ барои ӯ муфид ва корсоз будаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо риояи талаботи илмӣ таъмин шудааст ва маълумоту хулосаҳои муаллиф бар асоси сарчашмаҳо ва осори илмиву таҳқиқии муътамад ва нашрҳои илмӣ-интиқодии осори шоир ва эътирофшудаи онҳо сурат гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия кӯшиш кардааст, то дар ҷараёни таҳқиқи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил дар бораи масъалаҳои махсуси мавзуъ андешаҳои хешро ба таври илмӣ ва боасосу мудаллал баён кунад. Таълифоти нигорандаи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои чопкардаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардии ӯро дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ нишон медиҳад. Таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар ҷаласаҳо, конференсияҳо ва инчунин дар рисолаи диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд

Масъалаҳо ва мафҳумҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ аслӣ, бунёдӣ ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он дида мешавад, ки муаллифи диссертатсия кӯшидааст, то дар ҷараёни таҳқиқи падидаҳои сабксози ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил тавассути санъатҳои бадеӣ дар бораи масъалаҳои махсуси мавзуъ андешаҳои хешро ба таври илмӣ ва боасосу мудаллал баён кунад, ки орояҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз нигоҳи басомади истифода дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил нишондиҳандаи боло дошта, ба ду унсури муҳим ва сабксози шеъри ӯ табдил ёфтаанд. Андешаҳои амиқу дақиқи фалсафию ирфонии Бедил омили аслии истифодаи фаровон аз мутаноқизнамоию ҳиссомезӣ гардидааст. Маҳз истеъмоли густардаи ин санъатҳо яке аз сабабҳои тафовути шеъри ӯ аз шоирони дигар шинохта шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва нуҳ фасл, ҳафт зерфасли мантиқан муртабит бо ҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва ҳаҷм ва муҳтавои он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 6 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** муҳокима ва баррасиҳои ӯ дар диссертатсия, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии ба дастомада, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, баёни мустақили илмии нуқтаи назари ӯ ва суханрониҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Хуршед Эҳсон Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»,

ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ** **Шамсиддин Муҳаммадиев**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Гипрозем, 30/2, ҳуҷраи 50.
Телефон: (+992) 93-511-23-87.
E-mail: shamsiddin-2010@mail.ru
«05» феврали соли 2026.

**Имзои Шамсиддин Муҳаммадиевро тасдиқ мекунам:**
**нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ** **Давлатов Ф. С.**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Телефон: (+992-37) 227-29-07; факс: 227-75-50.
E-mail: iza.rudaki@mail.com
«05» феврали соли 2026.